**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Мирзоев Ҷурабек Абдулович дар мавзӯи «Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» барои дарёфти номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) – Душанбе- 2020, 63с.**

Дастёбӣ ба истиқлолияти давлатӣ барои кишварҳои пасошуравӣ имконияту мушкилиҳои фаровоне пеш овард. Имконоту мушкилиҳо тамоми соҳаҳои хаёти ҷамъиятиро аз иқтисод сар карда то илм фаро гирифт. Ба вижа гуногунмазмунӣ ва гуногунрангии ходисаҳои ичтимоиву иқтисодӣ мазмуни кор ва рисолати илми бунёдии гуманитарӣ – таърихнигориро низ дигар кард. Таърихнигории ватанӣ, ки ба андешаи аксари муаллифон аз чаҳорчубаи методологияи марксистӣ-ленинӣ берун шуда буд, акнун бояд бо диди нав тағйиротҳои бузурги дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ ба амал омадаро бо назардошти манфиатҳои миллӣ инъикос мекард.

Дар тадқиқоти мазкур муаллиф икдом гирифтааст, ки раванди шаклгирии таърихнигории миллиро тайи замони истиқлолият таҳлилу баррасӣ намуда, таҳқиқоти маҷмӯиро дар ин самт анҷом диҳад. Пешакӣ метавон гуфт, ки то ҳадде ба он муваффақ ҳам шудааст. Албатта ин дар қисмати навовариҳои кори таҳқиқотӣ низ ба таври мушаххас баён гардидааст.

Дар автореферат мақсад ва вазифаҳо, методҳои таҳқиқ, объект ва предмети омӯзиш, дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқшаванда, давраҳои таърихии омӯзиш, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, муқаррароте, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Инчунин муҳтавои асосии кори таҳқиқотӣ давра ба давра ба таври муфассал ва итилоотӣ баён гардидааст, ки моҳияти мавзӯи таҳқиқшавандаро куллан ифода мекунад.

Инчунин накши кори таҳқиқотӣ мантиқан сохта шуда ҳар боби он ба давраҳои алоҳидаи ҳамкориҳо бахшида шуда ҷавобгӯи мақсади гузошташуда мебошанд. Ба ғайр аз ин хулосаи автореферат дарбаргирандаи ҳамаи паҳлуҳои бобҳои алоҳидаи кор мебошад, ки ба тарви возеҳ ва муъҷаз баён гардидаанд.

Тавре аз мундариҷаи фишурда бармеояд, рисола аз ду боб ва 6 зербоб иборат аст. Боби якуми рисола ба инъикоси вазъи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлолдар таърихнигории ватанва хориҷӣ бахшида шудааст. Теъдоди зиёди номгуи мақолаву асарҳо ва муаллифони онҳо баёнгари он аст, ки муалллифи рисола бо ҳар кадоми онҳо шинос ва мушиткофона таҳлил карда вобаста ба мазмун, фарогирӣ ва мавқеъгиии муаллифон онҳоро тасниф намудааст, ки боиси таҳсин аст. Боби дуюми рисола ба инъикоси сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ бахшида шудааст. Мавриди зикр аст, ки тайи замони истиқлолият теъдоди зиёди мақолаву китобҳо ва монографияҳо доир ба паҳлуҳои гуногуни сиёсати хориҷӣ ва робитаҳои байналмилалии Тоҷикистон руйи кор омадаанд, вале ба андешаи муаллиф дар онҳо раванди ташаккул ва рушди муносибатҳои хориҷа нокифоя инъикос ёфтааст. Ҳамзамон муаллиф кушиш кардааст, ки бо истифода аз имконот ва зарфияти назариявиву илмии хеш костагиву камбудиҳои чанд муаллифонро ошкор намояд. Зимнан бояд гуфт, ки дар ин ҷода то андозае ба ҳадаф расидааст, вале муҳокимарониҳои муаллиф пайдарҳам ва муназзам ва вобаста ба масоили афзалиятнок сурат нагирифта интихобан руйи коғаз омадаанд.

Автореферати мазкур ба забони возеҳи илмӣ навишта шуда, аз ҷиҳати имлоӣ ва услубӣ низ дуруст ва ба талабот ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф вобаста ба мавзӯи автореферат 16 мақола, аз он ҷумла 1 5 мақола ба маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба нашр расондааст.

Метавон гуфт, ки иштибоҳҳо ва норасоиҳое, ки ба дар фишурдаи рисола назар мерасанд, дараҷаи илмии авторефератро халалдор намекунанд. Дар маҷмӯъ кори таҳқиқотӣ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дошта забони гузориш хело ҳам фаҳмо ва равшан аст, ки аз савияи хуби дониш ва маҳорати илмии муаллиф гувоҳӣ медиҳад.

Ҳамин тариқ, автореферат ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)», к и бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26- уми ноябри соли 2016 тахти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирзоев Ҷурабек Абдулович сазовори дарёфти номзади илмҳои таърих аз рӯйи **ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) мебошад.**

Дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқии ДМТ,
номзади илмҳои таърих Самиев Х.Д.
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кучаи ал-Беруни 1, кв.2
тел.: 918799091

Имзои Самиев Х.Д.- ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Э. Тавқиев.

Ҷ.М.